## Дарси 1: Муқаддима

- Шахсон ба истифодаи курсиҳо барои қазои ҳоҷат ва ҳаммом эҳтиёҷ доранд, зеро онҳо ба сабаби монеаҳои муҳит ё маҳдудиятҳои қобилияти ҷисмониашон ба ҳоҷатхона рафта наметавонанд ё худро шуста наметавонанд.
- **Курсиҳо барои қазои ҳоҷат** метавонанд дар болои ҳар гуна унитаз гузошта шаванд, то ба шахсон дар боз ҳам осонтар истифода бурдани унитаз ёрӣ расонанд.
  Дар баъзе ҳолатҳо, курсӣ барои қазои ҳоҷат метавонад дар ҷои дигар (хилват) бо сатили ҷудошаванда гузошта шавад.Баъд аз истифода сатилро метавон дар ҳоҷатхона холӣ кард.
- **Курсӣ ва сандалиҳо барои ҳаммом** ба шахсон имконият медиҳанд, ки ҳангоми шустани худ дар болои онҳо шинанд.
- **Курсиҳои омехта барои қазои ҳоҷат ва ҳаммом** метавонанд барои шахсе, ки барои рафтан ба ҳоҷатхона ва барои шустани худ ба курсӣ эҳтиёҷ дорад, бароҳат бошад.

| Хусусиятҳои ҳамаи курсиҳо барои қазои ҳоҷат ва ҳаммом | Хусусиятҳои иловагие, ки метавонанд муфид бошанд |
|---|---|
| ✓ Қавӣ ва устувор бошанд<br>✓ Ба занг ва об тобовар дошта бошанд<br>✓ Барои пешгирии ҷароҳат рӯкаши ҳамвор дошта бошад<br>✓ Дар пояҳояшон пӯшакҳои резинӣ дошта бошанд (агар онҳо поя дошта бошанд, на чарх)<br>✓ Тормоз дошта бошанд (агар онҳо чарх дошта бошанд, на поя)<br>✓ Баландиашон танзим шавад<br>✓ Барои бардоштани вазни истифодабаранда мувофиқ бошанд. | ✓ Дорои пуштаки курсӣ ва такягоҳи оринҷ барои шахсоне, ки мушкилии нишастан ё истодан доранд<br>✓ Дорои чархакҳо, агар курсиҳо ба ҳаракат додан эҳтиёҷ дошта бошанд<br>✓ Нишастгоҳ ва такягоҳҳои мулоим барои оринҷ ва пушт барои шахсоне, ки зери хавфи гирифтор шудан ба захми фишорӣ қарор доранд<br>✓ Помонакҳои алвонҷхӯранда ва баландиашон танзимшаванда , агар шахс дар болои унитаз шинад ва он ҳаракат дода шавад. |

## Дарси 2: Интихоб

- Арзёбӣ ба шумо дар муҳокима кардан бо шахс ёрӣ мерасонад:
  - Ҷаро рафтан ба ҳоҷатхона ё худро шустан барои онҳо душвор аст
  - Оё курсӣ барои қазои ҳоҷат ё ҳаммом ёрӣ расонда метавонад ё не
  - Шахс дар куҷо ва чӣ гуна аз курсӣ барои қазои ҳоҷат ё ҳаммом истифода мекунад
  - Кадом хусусиятҳои курсӣ барои қазои ҳоҷат ё ҳаммом барои шахс муҳиманд.
- Шумо ҳамчунин метавонед эҳтиёҷот ба дигар маҳсулотҳои ёрирасон ё бозравонӣ ба дигар таъминкунандагони хизматрасониҳои тиббӣ ва тавонбахширо муайян кунед.
- Огоҳӣ! Агар касе дар бораи он, ки ҳангоми холӣ кардани пешобдон ё рӯдаҳо ё кӯшиши чунин корро кардан аз ҳис кардани дард хабар диҳад, онҳо бояд фавран ба корманди касбии тиб бозравонӣ карда шаванд.

## Дарси 3: Мувофиқсозӣ

- Ҳамеша санҷида бароед, ки оё курсиҳо барои қазои ҳоҷат ва ҳаммом ба вазни шахс мувофиқат мекунанд ё не
- Баландии курсӣ барои қазои ҳоҷат ё ҳаммомро вобаста ба он, ки он дар куҷо истифода мешавад ва чӣ гуна шахс ба болои он мебарояд ва аз он мефарояд, танзим кунед. **Вақте ки баландӣ танзим карда шуд, санҷида бароед, ки оё курсӣ дар болои фарш ҳамвор истодааст ё не.**
- Дар бораи он, ки шахс курсӣ барои қазои ҳоҷат ё ҳаммомро дар куҷо истифода мебарад, гуфтугӯ кунед. Боварӣ ҳосил кунед, ки:
    - ✓ Он дар ҷои хилват қарор дорад
    - ✓ Ба он ҷо расидан ва дар он ҷо гаштугузор кардан осон аст
    - ✓ Ба таври кофӣ равшан аст
    - ✓ Ба имкониятҳои дастшӯӣ дастрасии осон дорад.

## Дарси 4: Истифода

Дар бораи тарзи бехатар истифода бурдан ва нигоҳубин кардани маҳсулот маслиҳатҳо диҳед. Маслиҳатҳо инҳоро дар бар мегиранд:

- **Чӣ гуна шахс ба курсӣ барои қазои ҳоҷат ва ҳаммом мешинад аз он мехезад (интиқол):** Шахсон худашон мустақилона ё бо ёрии дигарон метавонанд макони худро тағйир диҳанд. Дар ёд дошта бошед, ки ин амалҳо муҳиманд:
    - ✓ Пеш аз интиқол додан тормозҳоро қулф кунед
    - ✓ Боварӣ ҳосил кунед, ки барои бехатар ҳаракат кардани шахс ва ягон ёрдамчии дигар дар гирду атроф ҷои кофӣ гузоштаед
    - ✓ Фарши тарро хушк кунед ва/ё аз қолинчаҳои зидди лағжиш барои пешгирӣ кардан аз лағжиш истифода кунед.
- **Чӣ тавр бояд аз курсӣ барои қазои ҳоҷат бомуваффақият истифода кард:** Баъзе шахсон барои сари вақт расидан ба ҳоҷатхона ба душорӣ рубарӯ мешаванд ва ин боиси чакидани пешоб ё ахлот мегардад. Роҳҳои гуногун, ба монанди инҳоро, ки метавонанд ёрӣ расонанд, муҳокима кунед:
    - ✓ Боварӣ ҳосил кунед, ки ҳоҷатхона наздик аст ва расидан ба он осон аст
    - ✓ Ҳаракатнокиро бо истифода аз воситаҳои муносиби ёрирасон барои ҳаракатнокӣ беҳтар кунед
    - ✓ Аз аъзоёни оила ва парасторон барои сари вақт расидан ба ҳоҷатхона ёрӣ ҷӯед.
    - ✓ Либосҳоеро интихоб кунед, ки пӯшидан ва баровардани онҳо осон аст
    - ✓ Агар шахс дар куҷо будани ҳоҷатхонаро нафаҳмад, ба рӯи дари ҳоҷатхона аломат гузоред
    - ✓ Баъд аз хӯрдан ва нӯшидан аз ҳоҷатхона истифода кунед ва/ё барои рафтан ба ҳоҷатхона дар фосилаҳои баробари вақт аз вақтсанҷ (таймер) истифода кунед
    - ✓ Барои ҳаракати бомуваффақияти рӯдаҳо, вақти кофӣ ҷудо кунед, то дар ҳоҷатхона бароҳат шинед
    - ✓ Аз латтаҳои ҷабанда ҳамчун маводи эҳтиётӣ истифода кунед.
- Тозакунӣ ва нигоҳубини курсӣ барои қазои ҳоҷат/ҳаммом:
    - ✓ Сатили курсӣ барои қазои ҳоҷатро баъд аз ҳар истифодабарӣ холӣ кунед
    - ✓ Курсиҳо барои қазои ҳоҷат ва ҳаммомро бо собуни мулоим ва об шӯед – аз

пояҳо оғоз карда, бо ҷои нишаст ба анҷом расонед
- ✓ Курсиҳо барои қазои ҳоҷат ва ҳаммомро дар дохил нигоҳ доред – ҳеҷ гоҳ дар берун, дар зери борон нигоҳ надоред.
- ✓ Мунтазам нишонаҳои осеб ё қисмҳои сустшударо назорат кунед
- ✓ Огоҳӣ! Агар дар чорчӯба каф ё занг пайдо шавад, онро иваз кунед.

## Дарси 5: Пайгирӣ

Ҳангоми пайгирӣ, инҳоро санҷед:

- Курсӣ барои қазои ҳоҷат ё ҳаммом эҳтиёҷоти шахсро оё қонеъ мегардонад, дар ҳолати хуби корӣ оё қарор дорад ва барои истифода оё бехатар аст?
- Оё шахс бомуваффақият курсӣ барои қазои ҳоҷат ё ҳаммомро истифода мекунад? Агар чунин набошад, шояд маҳсулот, ҷойгиршавии он, ё тарзи истифодаи он ба ягон намуди танзимсозӣ эҳтиёҷ дорад.
- Агар нигароние ба миён ояд, ҳамеша ба корманди касбии тиб бозравонӣ кунед.